**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МДТ-и ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД**
**БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ:902 (575.3)**
**ТКБ: 63.5(5т)**
**Х21**

**ХАЙРУЛЛОЗОДА КАРОМАТУЛЛО**

# ТАЪРИХИ ТАҲҚИҚОТИ БОСТОНШИНОСИИ ТОҶИКИСТОНИ ШИМОЛӢ
**(солҳои 1929-1989)**

## АВТОРЕФЕРАТИ
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07. 00. 02 – таърихи Ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

**Хуҷанд - 2024**

Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров омода гардидааст

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Раҳимов Набиҷон Турдиалиевич,** доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи археология, этнография ва диншиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Бобомуллоев Саидмурод Ғиёсович**, доктори илмҳои илмҳои таърих, профессор, директори осорхонаи илмии бостонии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академия миллии илмҳои Тоҷикистон |
| | **Раҳимова Шаҳноза Каримовна**, номзади илмҳои таърих, Сардори раёсати илм, инноватсия ва робитаҳои байналмиллалии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон |
| **Муассисаи тақриздиҳанда:** | Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон |

Ҳимояи диссертатсия “___”__________ соли 2024 соати $14^{00}$ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-073. барои ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, ки дар назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (735700, ш.Хуҷанд, к.Мавлонбековҳо, 1) амал мекунад, баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар Китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (735700, ш.Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 224) ва сомонаи расмии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (www.hgu.tj ) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи “____”___________ с.2024 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои таърих Исамитдинов Ж.Б.

## МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот.** Омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди археология дар Тоҷикистон самти асосии илми таърихи ватанӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқи раванди омӯзиши бостоншиносии минтақаҳои алоҳидаи таърихию фарҳангии Тоҷикистон, аз ҷумла шимоли Тоҷикистон ба муайян кардани марҳилаҳои корҳои бостоншиносӣ ва муайян кардани хронологияи раванди таърихӣ на танҳо дар минтақаҳои мавриди назар, балки дар маҷмӯъ дар Осиёи Марказӣ оварда мерасонад. Дар айни замон дониши амиқи фарҳанги моддӣ ва тамаддуни Осиёи Миёна ташаккул меёбад.

Омӯзиши кулли сарчашмаҳои ташаккули илми археология ва таъйини марҳилаҳои асосии инкишофи онро бе дарки самтҳо ва тамоюлҳои асосии таҳқиқи археологии минтақаҳои алоҳида тасаввур кардан имконнопазир аст .

Дар робита ба ин нукта таҳқиқу омӯзиши осори таърихи археологияи Тоҷикистони Шимолӣ дар давраи шуравӣ хеле мубрам ва муҳим ба назар мерасад, ки он ба таври назаррас омӯхта нашуда, ин кор барои дарки ояндаи рушди тадқиқи археологӣ дар навоҳии Тоҷикистони Шимолӣ хусусияти калидӣ дорад.

Таҳқиқи мазкур хусусияти назарраси таърихӣ дошта, ба бозгӯйи таърихи бостоншиносии минтақаи шимоли мамлакати мо бахшида шудааст. Ба фикри мо фарҳанг, ёдгориҳои археологӣ ва ё ҷанбаи алоҳидаи илми археология ба таври кофӣ омӯхта нашуда, маҳз аз ин ҷиҳат барои пур кардани фазои мазкур тадқиқи яке аз марҳилаҳои меҳварӣ оид ба таърихи қадимии археологии минтақаи Тоҷикистон ҳамчун мақсади асосӣ қарор гирифт. Ёдгориҳои археологии Тоҷикистони Шимолӣ хусусияти муҳимми илмӣ доранд, чунки ин аз давраи қадими ташаккулёбии инсон, падид омадани ҷомеа ва давлатҳои гуногун дар минтақа, амалӣ гаштани падидаҳо ва анъанаҳои таъсири мутақобили этникӣ, иҷтимоӣ, маданӣ ва динӣ шаҳодат дода, он на танҳо осори амиқи таърихи Тоҷикистон, балки Осиёи Марказиро фаро мегирад. Имрӯз аксари ёдгориҳои таърихии Тоҷикистони Шимолӣ ба феҳристи шоҳасарҳои санъати ҷаҳонӣ дохил шудаанд.

Ҳафриёти археологӣ ва омӯзиши ёдгориҳои қадимии Тоҷикистон, аз ҷумла Тоҷикистони Шимолӣ дар охири асри XIX бо саъйи олимони рус оғоз ёфтааст. Ба археологҳои шуравӣ коркарди мунтазами ёдгориҳо муяссар шуда ва онҳо дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистони Шимолӣ ҷустуҷӯву кофтукови ҳамаҷониба анҷом додаанд. Самти асосии фаъолияти онон ҷустуҷӯ, коркард ва омӯзиши ёдгориҳои асрҳои сангӣ, биринҷӣ ва пеш аз оҳан, ёдгориҳои қадим, давраҳои таърихии юнониёну бохтариён, кушониёни Тоҷикистон, аввал ва охири асрҳои миёна маҳсуб меёбад.

Воқеаи ҷолибе, ки ба ташаккул ва рушди археология дар Тоҷикистон, тадқиқи мунтазам ва ҳамаҷонибаи ёдгориҳои қаламрави ҷумҳурӣ, аз ҷумла Тоҷикистони Шимолӣ, тарбияи кадрҳои миллӣ дар самти археология ва мактаби миллии археологӣ таъсир расонидааст, ташкили экспедитсияҳои аввалин дар ҷумҳурӣ – Экспедитсияи археологии суғдиву тоҷикӣ (ЭАСТ),

баъдан Экспедитсияи археологии Тоҷикистон (ЭАТ), Экспедитсияи комплексии археологии Тоҷикистони Шимолӣ (ЭКАТШ) мебошад.

Ба шарофати фаъолияти ин гурӯҳ ва экспедитсияҳои илмии археологӣ бисёр ёдгориҳои дар ҷаҳон эътирофшудаи таърихи маданияту санъати халқи тоҷик кашф шуда ва ба қайд омада, коркарду барқарор гардиданд. Натиҷаҳои ин экспедитсияҳо барои рушду инкишофи илми таърих дар Тоҷикистон, ташаккули фаҳмиши амиқ ва васеъ оид ба таърихи халқи тоҷик ва ниёгони он, саҳми он дар тамаддуни ҷаҳонӣ ва фарҳанги умумибашарӣ аҳаммияти бузург доранд.

Аз рӯи ин нуктаҳо **мубрамияти таҳқиқро** ба таври зерин муайян кардан мумкин аст:

– ташаккули комили тасаввури илмӣ оид ба омӯзиши таърихи тадқиқи археологии Тоҷикистони Шимолӣ;

– зарурати омӯзиши таърихи фаъолияти экспедитсияи археологии Тоҷикистон ҳамчун феномени асосии фарҳанги иҷтимоӣ ва таърихӣ;

– тезонидани раванди бошууронаи таърихӣ, фаҳмиши механизмҳои пайдоиш ва рушди ин ё он раванд дар замони гузашта ва ҳозира, ба таври амиқ аз ҷиҳати неруи ахлоқӣ ва маърифатӣ пурра кардани археология ва илми таърих;

– омӯзиши таърихи археологияи тоҷик, ки ба таъйини қонунияти пайдоиш ва самтҳои гуногуни бахшҳои илмӣ, чуқуртар фаҳмидани гузаштаи халқҳо, маданият, эътиқод, таҷрибаи истеҳсолии онҳо мусоидат мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** То имрӯз оид ба таърихи археологияи Тоҷикистони давраи шуравӣ, бавежа тадқиқи таърихи ёдгориҳои археологии Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1929-1989 корҳои махсуси комил ва пурра навишта нашудааст.

Таҳқиқотҳоро оид ба таърихи археологияи Тоҷикистони Шимолиро ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1) тадқиқоти махсус, ки ба омӯзиши ташаккули илми археология ба давраи шуравӣ бахшида шудаанд (О. И. Смирнова, Б. Я. Ставиский, Б. А. Литвинский);

2) асарҳое, ки маълумоти умумӣ оид ба корҳои археологӣ дар давраи муайян доранд (Н. Н. Неъматов, А. Қ. Мирбобоев);

3) асарҳое, ки ба як ёдгории мушаххас бахшида шуда ва дар онҳо таърихи ёдгории мазкур нуҳуфтааст (осори У. П. Пулодов, Е. Д. Салтовская, Н. Т. Раҳимов ва диг.).

Ҳанӯз дар солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ оид ба таҳқиқи археологии навоҳии шимолии Тоҷикистон асарҳо ба нашр расидаанд. Аксар вақт инҳо баррасиҳои хурди натиҷаҳои кофтуковҳои археологӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Аввалин асарҳои илмӣ оид ба бозгӯи таърихи омӯзиши археологии Тоҷикистони Шимолӣ дар охири солҳои 40-уми асри XX ба миён омадаанд. Аз ҷумла, мақолаи О. И. Смирнова «Ковишҳои археологӣ дар Истаравшан дар соли 1950»[1] барои тадқиқи муаммоҳои ин соҳа аҳаммияти зиёдеро соҳиб

[1] Смирнова О.И. Археологические разведки в Усрушане в 1950 г./МИА СССР, Тр.ТАЭ. -№36. -М.-Л., 1952.

мебошад. Дар мақола натиҷаҳои муҳимми ковишҳои хурд дар минтақаҳои Тоҷикистони Шимолӣ муаррифӣ гардидааст. Арзиши асар аз он иборат аст, ки муаллиф харитаи археологии таърихӣ-фарҳангии вилояти Истаравшан – минтақаҳои навоҳии Спитамен, Истаравшан, Шаҳристон ва Деваштичи вилояти Суғдро амалан тартиб додааст.

Дар мақолаи Б. Я. Ставиский «Тадқиқи археологии Тоҷикистон»[1]оид ба омӯзиши минтақаи Тоҷикистон, аз ҷумла навоҳии шимолӣ дар солҳои аввали ҳокимияти шуравӣ ва то ибтидои солҳои 50-уми асри XX сухан меравад. Дар он замон тадқиқи археологии Тоҷикистон нав оғоз ёфта ва баррасии илмии ӯ ҳам мухтасар сурат ёфтааст. Б. Я. Ставиский чанд нуктаи асосии ташаккули муассисаву мақомоти давлатиро, ки ба тадқиқу ҳифзи ёдгориҳои мероси фарҳанги халқи тоҷик машғул буданд, нишон дода, ҳиссаи кишваршиносон Р. Маҳмудов, А. Е. Маджи, В. Д. Салочкинский, Б. М. Здорик,, аз ҷумла Н. А. Кисляковро дар ин ҷода қайд кардааст. Ӯ оид ба кори гурӯҳи Экспедитсияи комплексии археологии Тоҷикистони Шимолӣ дар соли 1947-1950 ва тадқиқи нақшу нигорҳои қадимии рӯйисангӣ дар вилояти Ленинобод (А. Н. Далский), ғори Иски-Гузар (В. Р. Чейлитко, А. Д. Салочинский) ҳам таснифи мухтасар ва баҳои баланд медиҳад.

Баъд аз ду соли нашри мақолаи Б. Я. Ставиский Б. А. Литвинский низ ин масъаларо таҳлил намудааст. Ин, дар ҳақиқат, аввалин шарҳи илмӣ доир ба таърихи омӯзиши археологии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Археологи ҷавон, хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Осиёи Марказӣ ДДОМ (САГУ) Б. А. Литвинский, ки дар ҳафриётҳо бо роҳбарии М. Е. Массон таҷрибаи кофӣ дошт, аз ҷониби Б. Ғ. Ғафуров (котиби 1-уми КМ ПК Тоҷикистон) ва А. А. Семёнов (директори донишкадаи нави таърих, археология ва этнографияи АИ РСС Тоҷикистон) барои кор ба Душанбе даъват гардид. Ӯ зимни роҳбарӣ ба Шуъбаи археологии Институти таърих, археология ва этнографияи ба номи Аҳмади Дониш кори аввалро аз тадқиқи таърихи археологии Тоҷикистон оғоз кард ва нашри китоби аз ҷиҳати андоза хурд, вале аз рӯйи муҳтаво муҳимро бо унвони «Таърихи археологияи Тоҷикистон аз нигоҳи илми советӣ» ба нашр расонид, ки то имрӯз аҳаммияти бузургеро соҳиб мебошад. Б. А. Литвинский марҳилаҳои асосии омӯзиши археологии минтақаҳои Тоҷикистон, аз ҷумла навоҳии шимолиро дар нимаи якуми асри XX муайян намудааст. Аз ин рӯ, муаллиф на танҳо ба баррасии хронологӣ камари ҳиммат бастааст, балки хидмат, дастовард ва камбудиҳои объект ва омӯзишро муқаррар кардааст. Ба ин муносибат марҳилаҳои асосии тадқиқи археологии Тоҷикистон аз нигоҳи илми советӣ мавзуи алоҳидаи мақолаи таърихнигории ӯ гардид.[2]

Б. А. Литвинский борҳо ба таърихнигории археологии Осиёи Миёна ва Осиёи Марказӣ муроҷиат кардааст. Дар робита ба ин нукта таърихи омӯзиши археологии Тоҷикистони Шимолӣ дар чанд асари Б. А. Литвинский инъикос

---

[1] Ставиский Б.Я. Археологическое исследование Таджикистана//Вестник древней истории. – 1952. - №№ 1-2. – С.162-168

[2] Литвинский Б. А. Основные этапы изучения археологии Таджикистана советской наукой // Изв. АН ТаджССР. Отд. обществ. наук. – 1954. – №6. – С. 51-62.

гардидааст, ки барои ҳар як марҳилаи рушди илми археологии Тоҷикистон хусусияти таърихнигорӣ дорад. Дар мақолаҳои «Археологияи Тоҷикистон дар солҳои ҳукумати шуравӣ»[1], «Масъалаҳои таърих ва таърихи қадимаи фарҳанги Осиёи Миёна дар партави асарҳои нави олимони шуравӣ (1967-1977)»,[2] «Муаммои таърих ва таърихи фарҳанги Осиёи Миёна дар илми шуравӣ (1960-1981 гг.)»[3] Б. А. Литвинский натиҷаҳои тадқиқоти чандинсолаи археологиро дар Тоҷикистон ҷамъбаст карда, динамикаи инкишоф ва вусъати корҳои археологиро дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаи шимолии он комилан ошкор менамояд.Б.А. Литвинский марҳалаҳои асосии омӯзиши археологии минтақаҳои Тоҷикистон, аз ҷумла қисмати шимолии онро дар нимаи аввали асри XX муайян намудааст.

Байни асарҳо оид ба тадқиқи бостоншиносии шимолии Тоҷикистон мақолаи роҳбари Экспедитсияи комплексии бостоншиносии ин минтақа академик Н. Н. Неъматовро (солҳои 1927-2011) низ қайд кардан муҳим аст.[4] Бо назардошти ин аз нимаи солҳои 50-уми асри XX оғоз карда, то солҳои 1990-ум отряди Тоҷикистони Шимолӣ ва отряди ЭКАТШ дар минтақаи вилояти Суғд тадқиқи саҳроии чандсола гузаронида шуд ва маводи Н. Н. Неъматов оид ба омӯзиши таърихи бостоншиносии ин қаламрав арзиши баландеро соҳиб гардид[5]. Ин ҳафриёт баъд аз ташкили Экспедитсияи комплексии бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ рушд ва инкишоф ёфт.

Китоби В. Соловёв «Оид ба сарчашмаи археологии Тоҷикистон» ба давраи аввали пайдоиши илми бостоншиносии Осиёи Миёна ва Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф ба арзиши фаъолияти маҳфили дӯстдорони бостоншиносии Туркистон ва нақши муҳаққиқони пешазинқилобии рус доир ба тадқиқи археологияи Туркистон диққати калон додааст.[6] Аммо дар ин китоб оид ба давраи шуравии омӯзиши археологии Тоҷикистон, аз ҷумла навоҳии шимолӣ сухан намеравад.

Аз соли 1954-ум ба ин ҷониб ҳисобот оид ба корҳои археологии даста ва гурӯҳҳои археологӣ дар Тоҷикистон[7], мақолаҳо дар силсилаи маҷмуаҳои «Маводи фарҳанги Тоҷикистон»[8], «Маводи фарҳанги Истаравшан»[9],

---

[1] Литвинский Б. А. Археология Таджикистана за годы советской власти // СА. – 1967. – № 3. – С. 106-123.

[2] Литвинский Б. А. Проблемы истории и истории культуры древней Средней Азии в свете новейших работ советских учёных (1967-1977) // Вестник древней истории. – 1977. – №4. – С. 73-92.

[3] Литвинский Б. А. Проблематика истории и истории культуры Средней Азии в советской науке (1960-1981 гг.) // Информ. бюл. МАИКЦА. – Вып. 1. – Москва, 1981. – С. 14-32; Литвинский Б. А. Проблематика истории и истории культуры Средней Азии в советской науке (1960-1981 гг.) // Информ. бюл. МАИКЦА. – Вып. 2. – Москва, 1982. – С. 8-21.

[4] Негматов Н. Н. Исследования в Северном Таджикистане в 1970 г. // АРТ. – Вып. X (1970 г.). – М., 1972

[5] Негматов Н. Н. Некоторые итоги и перспективы археологии Северного Таджикистана в связи с созданием СТАКЭ. Краткие результаты работ 1974 г. // АРТ. – Вып. 14 (1974 г.). – Душанбе: Дониш, 1979. – С. 313-342.

[6] Соловьёв В. У истоков археологии Таджикистана (1813-1917 гг.). – Елец, 2005. – С. 92.

[7] Археологические работы в Таджикистане. Вып. 1-40 (Сталинабад-Душанбе, 1954-2020).

[8] Материальная культура Таджикистана. Вып. 1. – Душанбе, 1968; Материальная культура Таджикистана. Вып. 2. – Душанбе, 1971; Материальная культура Таджикистана. Вып.3. – Душанбе, 1978; Материальная культура Таджикистана. Вып. 4. – Душанбе, 1987

[9] Негматов Н. Н., Хмельницкий С. Г. Средневековый Шахристан. Материальная культура Уструшаны. Вып. 1. – Душанбе, 1966.; Негматов Н. Н., Пулатов У. П., Хмельницкий С. Г. Уртакурган и Тирмизактепа. Материальная культура Уструшаны. Вып. 2. – Душанбе, 1973; Пулатов У. П. Чильхуджра. Материальная культура. Вып. 3. – Душанбе, 1975; Билалов А.Из истории ирригации Уструшаны. Материальная культура

монография ва мақолаҳо оид ба таърихи алоҳидаи ёдгориҳои Тоҷикистони Шимолӣ[1] нашр мегарданд. Ба муносибати солгарди фаъолияти ЭКАТШ мақолаҳои Н. Н. Неъматов ва А. Қ. Мирбобоев ба табъ расиданд. Нашри ибтидоии онҳо бо созмон ёфтани ЭКАТШ алоқаманд буд. Дар мақолаи Н. Н. Неъматов омӯзиши археологии ёдгориҳои Точикистони Шимолӣ аз нимаи дувуми асри XIX то ташкил ёфтани ЭКАТШ (1973) баррасӣ ва муаррифӣ гаштааст. Ӯ тадқиқоти олимон-мусташриқони рус ва дӯстдорони археология А. А. Кушакевич, А. Л. Кун, В. В. Бартолд, М. С. Андреев, Н. Ликошин, ҳамчунин фаъолияти кишваршиноси ватанӣ А. Аскаров, Хоҷа-антиқаро зикр карда ва ба онҳо баҳои баланд додааст. Муаллиф ба аввалин тадқиқотҳои археологии Тоҷикистони Шимолӣ то ташкилёбии ЭАТШ диққат дода, корҳои ин гурӯҳро бо роҳбарии А. Ю. Якубовский ва гурӯҳҳои археологӣ дар солҳои 1954-1973, яъне то ташкили ЭКАТШ ва оғози фаъолияти он дар Тоҷикистони Шимолӣ муаррифӣ кардааст.[2]

Н. Н. Неъматов дар асари «Баъзе аз масъалаҳои археологияи Тоҷикистон ва Осиёи Миёнаи Шимолӣ»[3] дар асоси ҷамъбасти корҳои ЭКАТШ дар даҳсолаи аввал масъалаҳои асосии археологияи Тоҷикистони Шимолиро ба миён гузошта ва онҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Натиҷаи корҳои дастаҷамъӣ дар навоҳии Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1954-1984-ум дар мақолаи А. Қ. Мирбобоев бо унвони «30-солагии Экспедитсияи археологии Тоҷикистони Шимолӣ» низ инъикос ёфтааст[4]. Муаллиф ба сифати яке аз иштирокчиёни фаъоли таҳқиқоти археологии Тоҷикистони Шимолӣ дар бораи омӯзиши ёдгориҳои манотиқи вилояти Суғд шарҳи муфассал додааст. Ҷамъбасти ҷустуҷӯйҳои археологии ёдгориҳои Истаравшан дар мақолаи Н. Н. Неъматов бахшида ба 50-солагии ЭКАТШ низ ҷойгоҳи хос ёфтааст[5].

Ҳамин тавр, дар як қатор асарҳо оид ба таърихи археологияи ватанӣ кофтуковҳои саҳроӣ дар чанд навоҳии алоҳида ва ёдгориҳои ҷудогонаи Тоҷикистони Шимолӣ зикр ёфтаанд. Аммо масъалаи ташаккул ва инкишофи тадқиқи археологии минтақа дар солҳои Ҳокимияти Советӣ доир ба илми таърихи ватанӣ мавзуи таҳқиқи алоҳида қарор нагирифтааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуҳои илмӣ.** Тадқиқоти диссертатсионӣ дар доираи амалкарди нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-

Уструшаны. Вып.4. – Душанбе, 1980; Древняя Уструшана: города, их локализация и хронология. Материальная культура Уструшаны. Вып. 5-8. – Душанбе, 2003.

[1]Рахимов Н.Т. Из истории материальной культуры Таджикистана. Замок Каппатепа. – Худжанд, 2001; Мирбабаев А. К., Рахимов Н. Т. Археологические памятники Согдийской области. – Худжанд, 2008; Рахимов Н. Т. Археологические памятники Горной Уструшаны. – Худжанд, 2016; Рахимов Н. Т. Таджикистан. Археологические памятники Средней Сырдарьи на Великом шёлковом пути. – Душанбе, 2018.

[2] Негматов Н. Н. Некоторые итоги и перспективы археологии Северного Таджикистана в связи с созданием СТАКЭ. Краткие результаты работ 1974 г. // АРТ. – Вып. 14 (1974 г.). – Душанбе: Дониш, 1979. – С. 313-342.

[3] Негматов Н. Н. Некоторые проблемы археологии Таджикистана и Северной Средней Азии // АРТ. – Вып. 20 (1980). – Душанбе, 1987. – С.281-301.

[4] Мирбабаев А. К. Тридцать лет Северо-Таджикистанской археологической экспедиции (СТАКЭ) // АРТ. – Вып. 24 (1984 г.). – Душанбе, 1993. – С.11-34.

[5] Негматов Н. Н. СТАКЭ: 50 лет археологических открытий многообразного высокоцивилизованного облика историко-культурной области Уструшана // АРТ. – Вып. 30. – Душанбе, 2005. – С. 275-283.

тадқиқотии кафедраи таърихи Ватан ва археологияи МДТ-и ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дар солҳои 2016-2020 дар мавзуи «Масъалаҳои таърих ва фарҳанги халқи тоҷик аз асри миёна то муосир» ба иҷро расидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии рисола баррасии хронологӣ ва таҳлили натиҷаҳои илмии кофтуковҳои археологии ёдгориҳои Тоҷикистони Шимолӣ маҳсуб меёбад, ки дар давраи шуравӣ (солҳои 1929-1989-ум) дар рафти тадқиқотҳои саҳроӣ аз ҷониби муаррихони ҷудогона ва бостоншиносон, гурӯҳҳои Экспедитсияи археологии суғдӣ-тоҷикӣ, Экспедитсияи археологии Тоҷикистон (ЭАТ) ва Экспедитсияи комплексии археологии Тоҷикистони Шимолӣ (ЭКАТШ) зери роҳбарии академик Н. Н. Неъматов, кашф ва омӯхта шудаанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ҳадафҳои пешбинишуда дар кор вазифаҳои зерин ҳал карда шуданд:

– муайян намудани заминаҳои инкишофи археология ҳамчун самти нави илмӣ дар Тоҷикистон;

– муайян кардани пайдоиш ва самти мушаххаси тадқиқоти археологӣ дар қаламрави Тоҷикистони Шимолӣ (вилояти Суғди ҳозира);

– таҳлили асосии мақсад, вазифа ва натиҷаҳои тадқиқоти археологии ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон;

– ҷамъоварӣ ва омӯзиши заминаи сарчашмаҳое, ки дорои маълумот дар бораи фаъолияти олимон ва ташкилотҳои илмӣ, аз ҷумла маводи архивӣ ва нашршуда мебошанд;

– ошкор кардани заминаи сарчашма, хусусияти истифодаи маъхазҳои археологӣ, усулҳои мушаххаси омӯзиши далелҳои археологӣ;

– муайян намудани марҳалаҳои асосии ташаккул ва инкишофи илми археология дар Тоҷикистон;

– нишон додани маҷмуъ ва низоми фаъолияти экспедитсияҳо ва дастаҳои археологии навоҳии шимолии Точикистон;

– арҷ гузоштан ба осори олимони намоёни бостоншинос дар ташаккул ва инкишофи тадқиқоти археологии Тоҷикистони Шимолӣ;

– таҳлили таърихнигорӣ ва таъйини самтҳои асосии омӯзиши ёдгориҳои археологии Тоҷикистони Шимолӣ аз рӯи тартиби хронологӣ;

– муайян кардани аҳаммияти маводи археологии ҷамъшуда ва асоснок намудани зарурати истифодаи онҳо барои тартиб додани харитаи археологии Тоҷикистони Шимолӣ ва умуман барои инкишофи илми таърихи ватанӣ.

**Объекти таҳқиқот** раванди ташаккул ва рушди тадқиқоти археологӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ дар давраи шӯравӣ аз соли 1929-ум то соли 1989-ум, инчунин фаъолияти ташкилотҳои илмию кишваршиносӣ, муассисаҳои таълимӣ ва бостоншиносони алоҳида, ки осори бостонии минтақаро меомӯзанд, маҳсуб меёбанд.

**Мавзӯи (предмет)-и тадқиқот** мақсаду вазифаҳо, мухтаво ва натиҷаҳои фаъолияти гурӯҳҳои археологӣ дар манотиқи Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1929-1989-умро дар бар мегирад.

**Марҳила, мақом ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**. Таҳқиқоти мазкур дар се марҳила анҷом ёфтааст: 1) солҳои 2017- 2019, 2) солҳои 2019-2022 ва 3) солҳои 2022-2024. Дар ин марҳилаҳо интихоби мавзӯъ ва роҳбари илмӣ; шиносоӣ ва ҷамъоварии маъхазҳо ва адабиёти илмӣ доир ба мавзӯъ; иштирок дар конференсияҳои илмӣ ва интишори мақолаҳо доир ба мавзӯи таҳқиқот; иштирок дар дарсҳои таърих ва фалсафаи илм, забони русӣ, забони хориҷӣ бо супоридани имтиҳони минимуми номзадӣ; таҳияи бобҳои диссертатсия; таҳияи автореферат, супоридани имтиҳони минумуми номзадӣ аз ихтисос; баррасии диссертатсия дар ҷаласаи кафедра, пешниҳоди диссертатсия барои дифоъ ба Шурои диссертатсионӣ амалӣ гаштанд.

**Доираи ҳудудӣ (географӣ)-и** таҳқиқот минтақаи шимолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба истиснои се минтақаи болооби дарёи Зарафшон (Панҷакент, Айнӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳ) бо сарҳади вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Таърихан ин сарзамин ба Хуҷанд, Истаравшан ва Илоқ, уезди Хуҷанд, ҳудуди Хуҷанд ва як қисми Фарғона дохил шуда буд.

Аз ҷиҳати географӣ қисми шимоли Тоҷикистон (ҳавзаи маҷрои миёнаи Сирдарё) дар байни қаторкӯҳи Қурама дар шимол ва қаторкӯҳҳои Туркистон дар ҷануб воқеъ мебошанд. Тоҷикистони Шимолӣ бо истилоҳоти «Фарғонаи Ғарбӣ» ва « Қисми Тоҷикистонии водии Фарғона» низ ном бурда мешаванд.

**Доираи омӯзиши хронологӣ** таъйини мақсади омӯзиши раванди инкишофи археологияи Тоҷикистони Шимолӣ дар давраи муайяни таърихӣ, аз ҷумла солҳои 1929-1989-ум мебошад. Таърихи ибтидои он ба дохил шудани ноҳияи Хуҷанд (манотиқи омӯзиши рисолаи мавриди зикр) ба ҳайати Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва ташкил ёфтани ҶШС Тоҷикистон алоқаманд аст. Ҷамъбасти ниҳоӣ таърихи охирини маблағгузории ЭКАТШ-ро барои гузаронидани корҳои бузурги археологӣ дар минтақаҳои шимолии Тоҷикистон инъикос мекунад. Ҳанӯз моҳи феврали соли 1990-ум вазъ дар ҷумҳурӣ муташанниҷ гашт ва таъсири он то моҳҳои июн-июли соли 1990-ум идома дошт. То эълони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шимоли Тоҷикистон танҳо як гурӯҳи археологӣ фаъолият дошт. Баъзан ба далели маънои дохилии калимаи таърихӣ (подтекст) очеркҳои кӯтоҳе тартиб дода мешаванд, ки аз чаҳорчӯбаи хронологии таҳқиқот берунанд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот** омӯзиши диссертатсия ба усулҳои таърихӣ, объективӣ, пайвастагӣ такя мекунанд. Усулҳои таърихӣ ва муносибатҳои пайдарпай барои бозгӯи тадқиқи ҳодисаҳои таърихӣ, робитаву рушд ва омӯзиши роҳҳои инкишофи археологии Тоҷикистони Шимолӣ ҳамчун қисми таркибии илмҳои таърихи тоҷик ва дарки чӣ гуна нақш бозидани натиҷаҳои тадқиқи археологӣ барои ҳалли муаммоҳои

таърихи минтақавӣ мусоидат менамояд. Принсипи объективӣ ба таҳлили ҳамаҷониба ва далелҳои сарчашмаҳои арзишманди таърихӣ такя менамояд.

Дар ин кор методи умумии таърихӣ мавриди истифода қарор мегиранд:

– методҳои муаммоӣ-хронологӣ, ки аз рӯи он шарҳи ҳодисаҳо бо пайдарпаии хронологӣ ба амал меоянд;

– методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, ки барои омӯзиши равандҳо ва падидаҳои дар илми таърих дар давраи баррасишаванда ба амал омадаанд;

– методҳои таърихӣ-тартибӣ, ки ба равиши пайдарпай асос ёфта, омӯзиши ҳамаҷонибаи мавод, муқоисаи маводи бойгонӣ ва нашршуда, баъдан таҳлили ҳамаҷониба ва мунаққидонаи иттилооти гирифташударо дар бар мегирад;

– методҳои таърихӣ-биографӣ, ки барои равшан кардани тарҷумаи ҳоли илмии олимоне, ки дар омӯзиши археологии минтақаи шимолии Тоҷикистон саҳм гузоштаанд, истифода мешавад.

Аз нуқтаи назари методологӣ, ба фикри мо, принсипи ҳудудиву хронологӣ, ки асоси ташаккули сохтори боб ва фаслҳои рисоларо ташкил медиҳанд, низ муҳим мебошад.

Асоси сарчашмаи тадқиқот хусусияти гуногуни манбаъҳоро дошта ва онҳо аз се гурӯҳ – маводи бойгонӣ, чопшуда ва саҳроӣ (мусоҳиба) иборатанд.

1. Маводи бойгонӣ (Бойгонии Осорхонаи таърихии вилояти Суғд, Бойгонии давлатии вилояти Суғд, Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бойгонии Институти таърих, археология ва этнографияи ба номи Аҳмади Дониш, Бойгонии шахсии академик Н. Н. Неъматов);

2. Гурӯҳи дувуми манбаъҳо ҳисоботи солонаи роҳбарони гурӯҳҳои археологӣ мебошанд, ки дар ҳудуди вилояти Суғд фаъолият кардаанд. Ин мақола-ҳисоботҳо, ки дар он натиҷаҳои пешакии корҳои саҳроӣ ва тадқиқоти ёдгориҳо шарҳ ёфтаанд, дар силсилаи «Корҳои археологии Тоҷикистон» ва «Кашфиёти археологӣ» дар Иттиҳоди Шӯравӣ (СССР) ба чоп расидаанд[1]. Мавод оид ба таърихи тадқиқи археологии Тоҷикистони Шимолӣ дар шумораҳои 1-26-уми Бойгонии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд аст. Ба ин гурӯҳи маводи нашршуда матолиби нашрияҳои даврӣ ва васоити ахбори омма низ дохил мешаванд;

3. Тадқиқи саҳроӣ ва мусоҳиба бо иштироккунандагони кофтуковҳои саҳроӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ (А. Мирбобоев, Н. Раҳимов, М. Файзуллоев, Ҷ. Ҳомидов).

Дар раванди кори диссертатсионӣ суҳбатҳои шахсӣ ва мусоҳиба бо собиқ коркунони ЭКАТШ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Қисми зиёди базаи сарчашмаҳо аз маводи ҳуҷҷатҳои ибтидоии ҳисоботӣ оид ба тадқиқоти археологӣ (ҳисобот, дафтари истеҳсолӣ, расмҳо, нақшаҳо, номгӯи бозёфтҳо, суратҳо, мусавваразҳо) таркиб ёфтаанд, ки аз онҳо оид ба экспедитсияҳо, ташкил онҳо, натиҷаҳои ҷустуҷӯй ва кофтуковҳои археологӣ,

[1]Силсилаи «Археологические работы в Таджикистане», барориш. 1-28; Силсилаи «Археологические открытия в СССР», солҳои 1970-1990.

ҳудуди тадқиқӣ ва методҳои кори археологҳо тасаввурот пайдо кардан мумкин аст.

Гурӯҳи калони маъхазҳои чопшуда ҳисоботи роҳбарони дастаҳои археологӣ дар маҷмуаҳои «Корҳои археологии Тоҷикистон»-ро дар бар мегирад. Аз соли 1954-ум инҷониб монография ва асарҳои археологҳо, ки бевосита дар фаъолияти экспедитсияҳои археологӣ ва тадқиқоти археологии ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ иштирок доштанд, мунтазам нашр мешаванд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар он бори аввал ҷамъбасти муфассал, ҳаматарафа ва мунтазами таърихнигории таърихи омӯзиши ёдгориҳои археологии Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1929-1989-ум дар асоси омӯзиши фаъолияти Экспедитсияи археологии суғдию тоҷикӣ (ЭАСТ), Экспедитсияи археологии Тоҷикистон (ЭАТ) ва Экспедитсияи комплексии археологии Тоҷикистони Шимолӣ (ЭКАТШ) анҷом дода шудааст.

Дар ин замина бори аввал дар илми таърихи ватанӣ масъалаҳои зерин ҳамаҷониба ҳал карда мешаванд:

– марҳалаҳои асосии тадқиқоти археологии Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1929-1989-уми асри XX;

– таърих ва самтҳои асосии фаъолияти экспедитсияҳо ва дастаҳои археологӣ дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ;

– комёбиҳои илмии фаъолияти экспедитсияҳо ва дастаҳои археологӣ оид ба омӯзиши ёдгориҳои археологии Тоҷикистони Шимолӣ;

– ёдгориҳои асосии археологии Тоҷикистони Шимолӣ дар давраи шуравӣ (солҳои 1929-1989-ум).

Тадқиқоти мазкур аввалин кӯшиши таҳлили ҳамаҷонибаи раванди омӯзиши ёдгориҳои археологии ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ буда, на танҳо бо мақсади муайян намудани дараҷаи омӯзиши он аз ҷиҳати археологӣ, балки ба хотири таъйини аҳаммияти маводи археологӣ дар инъикоси масъалаҳои давраҳои қадим, аввалҳои асрҳои миёна ва асримиёнагии таърихи халқи тоҷик равона шудааст. Ин муносибат барои муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди археологияи Тоҷикистон дар оянда мусоидат мекунад.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

– Таърихи омӯзиши археологии манотиқи навоҳии шимолии Тоҷикистон аз соли 1929-ум, аз ташкил ёфтани ҶШС Тоҷикистон оғоз гардида, бо номҳои М. Е. Массон, В. Р. Чейлитко, Р.Уэлс ва оғози фаъолияти илмии муассисаҳои таҳқиқотӣ ва музеи таърихӣ-кишваршиносии Хуҷанд рабт дорад.

– Дар солҳои сиюми асри XX ягона археологи касбӣ В. Р. Чейлитко ба ҳисоб мерафт, ки дар баъзе ёдгориҳои археологии Тоҷикистони Шимолӣ кофтуковҳои назаррас анҷом додааст.

– Омӯзиши мунтазами археологии ҳудуди Тоҷикистон ва навоҳии шимолии ҷумҳурӣ, ҳамчунин, аз ташкил ва фаъолияти экспедитсияи археологии суғдӣ-тоҷикӣ (аз соли 1953-юм Экспедитсияи археологии тоҷик) ва шуъбаи археологияи Институти таърих, археология ва этнографияи

Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон ба номи Аҳмади Дониш ибтидо мегирад.

– Солҳои 50-уми асри XX дар робита ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обии Қайроққум тадқиқоти ҳамаҷонибаи археологии минтақаҳои зериобмонӣ ва дамидани оби қаламрави ҳамшафати ноҳияҳои Ашт, Бобоҷон Ғафуров, Исфара ва Конибодоми Тоҷикистони Шимолӣ гузаронида шуд;

– Натиҷаи кори чандинсолаи гурӯҳи дастаҷамъонаи Хуҷанд-Истаравшан ва Тоҷикистони Шимолӣ зери роҳбарии Н. Н. Неъматов (солҳои 1954-1974-ум) дар ҳудуди навоҳии Ғончӣ (имрӯза Деваштич), Зафаробод, Пролетар (имрӯза Ҷ. Расулов), Нов (имрӯза Спитамен), Уротеппа (имрӯза Истаравшан) ва Шаҳристон кашфи ёдгориҳои археологӣ маҳсуб меёбад;

– Тадқиқоти қалъаҳо, кони маъдани кӯҳӣ, конҳои қадимӣ, қабристон (гӯрхона) ва нақшҳои қадимии рӯйи санги доманакӯҳҳо (петроглифҳо) ва дараҳои қаторкӯҳи Қурама дар давоми солҳои 1951-1989-ум имкон дод, ки фарҳанги моддии қадим ва асримиёнагии Илоқи Ҷанубӣ (ноҳияҳои Мастчоҳ, Б. Ғафуров ва Ашт) мавриди омӯзиш қарор гирад;

– Ёдгориҳои археологии ноҳияҳои Ашт, Конибодом ва Исфараи вилояти Суғд солҳои 1974-1989-ум мавриди омӯзиш қарор гирифтанд ва таъриху фарҳанги бойи Фарғонаи Ғарбиро дар давраи қадим ва ибтидои асрҳои миёна инъикос менамояд;

– Яке аз комёбиҳои муҳимми тадқиқоти археологии Тоҷикистони Шимолӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок шудани ҷойгиршавии Искандарияи Эсхата (Ақсо) дар ҳудуди Хуҷанди имрӯза ба ҳисоб меравад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти** диссертасионӣ дар он аст, ки маводи онро метавон дар навиштани корҳои илмӣ оид ба таърихи бостоншиносии Тоҷикистон ва таърихи Ватан мавриди истифода қарор дод. Тадқиқоти мазкур бисёр равандҳоро, ки дар таърихи қадим ва ибтидоии асримиёнагии халқи тоҷик ба амал омадаанд, ба таври васеъ мушаххас гардонда, ҷараёни инкишофи илми таърих, афкори илмӣ ва фарҳанги Тоҷикистонро ғанӣ мегардонад. Мавод ва хулосаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми таълими курсҳои махсус ва омода намудани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ оид ба таърихи археология, таърихи кишваршиносӣ, таърихнигорӣ ва ғайра метавонанд ба мақсадҳои таълимию педагогӣ истифода гарданд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Тадқиқоти диссертатсионии «Тадқиқоти археологии Тоҷикистони шимолӣ» аз рӯи мазмуну муҳтавояш бо Шиносномаи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи Ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)-и Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: самти таҳқиқот – банди 4. Фарҳанги моддӣ ва маънавӣ, маориф ва илм мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки унвонҷӯ бо ҷамъоварии маълумоти парокандаву нопурра аз сарчашмаҳои гуногун (хаттӣ, археологӣ, бойгонӣ ва монанди ин) марҳалаҳои таърихи археологии Тоҷикистони Шимолиро аз нав барқарор карда, натиҷаҳои кори

гурӯҳу экспедитсияҳои археологиро дар минтақа мавриди омӯзиш қарор дода ва ба фаъолияту бозьёфтҳои илмии бостоншиносони ҳирфаӣ ва, умуман, археологияи тоҷик дар давраи шуравӣ баҳо додааст. Дар рафти таҳқиқ муаллифи рисола ба натиҷаҳои тадқиқи археологӣ ва ҳафриётҳо дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ ва усулҳои кори дастаҷамъонаи археологӣ баҳои зарурӣ додааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Кор дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод гардид. Нуктаҳо ва хулосаҳои асосии тадқиқоти диссертатсия дар маърузаҳои муаллифи рисола дар симпозиуму конфронсҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, байналмиллалӣ, инчунин дар мақолаҳои чопшуда баён гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мазӯи диссертатсия**. Муқаррароти умумӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 13 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷмӯаи мақолаҳо нашр гардидаанд, инъикос ёфтааст.

**Сохтор ва ҳаҷми кор.** Мутобиқ ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот сохтори рисола дар асоси принсипи хронологӣ сурат гирифтааст. Кор аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Диссертатсия дар ҳаҷми 212 саҳифаи матни компютерӣ таълиф шудааст.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар **муқаддима** мубрамии тадқиқот асоснок гардида, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот, доираи хронологӣ ва географӣ, сарчашмаҳо, дараҷаи коркарди мавзуъ, нуктаҳои асосӣ барои дифоъ, навигарии илмӣ ва аҳаммияти амалии асар бозгӯ шудаанд.

Боби 1-ум **"Корҳои бостоншиносии солҳои 1929-1941 дар Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1929-1941"** ном дорад. Боби 1-уми диссертатсия аз се фасл иборат аст ва дар он давраи ибтидоии ташаккули археология ва омӯзиши ёдгориҳои археологӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ аз рӯзи ташкили РСС Тоҷикистон ва пайдоиши аввалин муассисаҳои илм то оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ мавриди тадқиқ қарор дода шудааст.

**1. 1. Аз таърихи ташаккули аввалин марказҳои илмии шуравии омӯзиши мероси фарҳангии тоҷикон.** Дар ин фасл омадааст, ки тадқиқи ёдгориҳои археологии Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистони Шимолӣ дар нимаи дуюми асри XIX баъд аз истилои ҳудуди он аз ҷониби империяи Русия ибтидо мегирад. Ба шарофати фаъолияти алоҳидаи олимон ва ҷидду ҷаҳди меҳнатии онҳо (А. Кун, Н. А. Веселовский ва монанди инҳо), ҳамчунин аъзои маҳфили дӯстдорони археологии Туркистон (солҳои 1895-1917-ум) якчанд ёдгориҳо зикр ёфтаанд. Аммо дар давраи пайдоиши Ҳокимияти Советӣ дар Осиёи Миёна ва ташкил ёфтани ҷумҳуриҳои миллӣ омӯзиши ковтукови археологӣ суст ҷараён меёфт. Ибтидои солҳои 20-уми асри XX муассисаҳои аввалини илмӣ ва марказҳо (Донишгоҳи Шарқ, ДДОМ, Туркомстарис,

Средазстарис) ташкил гардид, ки масъулияти тадқиқот аз ҳисобот, омӯзиш ва меъёрҳо оид ба ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ иборат буд. “Ҷамъият барои омӯзиши ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ва халқҳои эронии берун аз марзи он (солҳои 1925-1929-ум)” низ ба ин раванд ҷалб шуда буд. Вале аз норасоии мутахассисон ва кам будани коркунони ин муассисаҳо (А. А. Семёнов, М. С. Андреев ва ғайра) имкон даст надод, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистони Шимолӣ кофтуковҳои археологӣ анҷом дода шавад. Дар айни замон тадқиқоти геологӣ бо қайд кардани конҳои кадим ва қабрҳо сурат гирифта, ҷамъоварии коллексияи бозёфтҳои археологӣ оғоз ёфт (М. Е. Массон).

**1.2. Таҳқиқотҳои бостоншиносии Осорхонаи кишваршиносии Тоҷикистони Шимолӣ.** Дар фасли мазкур раванди ташаккули археология дар Тоҷикистон, таъсиси муассисаҳои нави илмӣ ва ба тадқиқи археологӣ дохил шудани онҳо мавриди омӯзиш қарор ёфтааст. Таъсиси ҶШС Тоҷикистон ва сохтмони иншоотҳои нав дар соҳаи маориф ва илм қадами навбатии таърихи омӯзиши ёдгориҳои археологии Тоҷикистони Шимолиро ба миён гузошт. Дар солҳои аввали таъсисёбии Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии ҳафтуми Иттиҳоди Шуравӣ заминаи қонунгузории муҳофизати ёдгориҳои таъриху фарҳанги халқи тоҷик оғоз ёфт. Дар назди Комиссариати маорифи халқ (КМХ)-и Тоҷикистон шуъба оид ба корҳои осорхона ва ҳифзи ёдгориҳои табиат, қадим, санъат ва Интститути давлатии илмӣ-тадқиқотии Тоҷикистон (ИДИТТ) ташкил гардид. Аз байни онҳо нақши муҳимми осорхонаи аввалин дар ҷумҳурӣ – Осорхонаи Хуҷанд, баъдтар Осорхонаи байниноҳиявии Тоҷикистони Шимолӣ, Осорхонаи кишваршиносии Тоҷикистони Шимолиро зикр кардан мумкин аст. Дар солҳои 30-юми асри XX сарварии осорхонаро кишваршиноси машҳур А. В. Уэлс бар уҳда дошт, ки якҷоя бо кормандон ва мутахассисон (М. Е. Массон, А. А. Потапов, А. Е. Маджи, Т. Г. Оболдуев) омӯзиши ёдгориҳои археологии Хуҷанд ва атрофи онро вусъат бахшиданд.

Дар ин давра Осорхонаи кишваршиносии Тоҷикистони Шимолӣ дар ҳудуди шаҳру навоҳии Хуҷанд, Нов (ҳозира Спитамен), Пролетар (ҳозира Ҷаббор Расулов), Исфара, кӯҳҳои Муғул ва Қурама кори омӯзишӣ ба роҳ монда, бо ҳамин барои таҳқиқи ёдгориҳо ва осорхонаҳо, ҷамъ кардани мавод барои харитаи археологии Тоҷикистони Шимолӣ саҳми арзанда гузошт.

**1. 3. Фаъолияти В. Р. Чейлитко оид ба муайян кардан ва омӯзиши ёдгориҳои таърихӣ-фарҳангӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ.** Дар ибтидои солҳои 30-юми асри XX норасоии мутахассисон оид ба омӯзиши археология дарк карда мешуд. Дар радифи аввалин муҳаққиқони ёдгориҳои Тоҷикистони Шимолӣ археологи шуъбаи Комитети муҳофизати ёдгориҳои қадим ва ҳаракати инқилобӣ ва базаи тоҷикистонии Академияи фанҳои Иттиҳоди Шуравӣ В. Р. Чейлиткоро номбар кардан лозим аст. Ӯ якчанд корҳоро оид ба омӯзиши ёдгориҳо анҷом додааст. Муҳаққиқ В. Р. Чейлитко дар асоси натиҷаҳои тадқиқоташ оид ба ёдгориҳои Тоҷикистони Шимолӣ якчанд маъруза ва мақолаҳои илмӣ-оммавӣ навишт, ки дар матбуоти ҷумҳуриявӣ ба

нашр расидаанд. Охири солҳои 30-юми асри XX олим В. Р. Чейлитко дар ҳамбастагии ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятии ҷумҳурӣ ба таҳқиқи ёдгориҳои таъриху фарҳанги Тоҷикистони Шимолӣ шуруъ кард.

Ҳамин тавр, В. Р. Чейлитко то аввали соли 1941-ум дар бобати ҷустуҷӯ, ба қайд гирифтан ва омӯхтани ёдгориҳои археологии Тоҷикистони Шимолӣ кори мушаххас анҷом додааст. Аммо арзиши онҳо на ҳамеша якхел аст. Маълумоте, ки В. Р. Чейлитко оид ба кофтуков ва кашфи худ хабар додааст, нодуруст ва печида аст. Ӯ манораи чӯбини Заҳматобод (Айнии ҳозира)-ро шарҳ дода, дар бораи бунёд, баландӣ ва таърихи он маълумоти нодуруст медиҳад[1]. Иштибоҳи маълумотҳои мазкур ҳангоми омӯзиши Экспедитсияи археологии суғдӣ-тоҷикӣ (соли 1946-ум) муайян гардидааст. Дар бораи хато будани маълумоти В. Р. Чейлитко оид ба ёдгориҳои меъмории кӯҳистон ва нодурустии он аксари муҳаққиқон навиштаанд[2] ва иттилои ӯ оид ба пайдо шудани сари муҷассамаи гилӣ ҳангоми ҳафриёти қалъа дар наздикии рустои Қум дарёфт шудааст, ба бозсанҷӣ ниёз дорад[3]. Ғайр аз ин, бозёфти ҳафриёти археологӣ дар Тоҷикистонро на ба осорхонаҳои маҳаллӣ, балки чун туҳфаи шахсӣ ба фонди Эрмитажи давлатии Ленинград[4] ва Осорхонаи Шарқ (шаҳри Москва) супоридаанд.

Умуман, давраҳои тадқиқи археологии навоҳии шимолии Тоҷикистонро то соли 1941-ум (ибтидои Ҷанги Бузурги Ватанӣ) чунин тасниф кардан мумкин аст:

Марҳилаи 1-ум – солҳои 1929-1932-юм: кори дастаҳои геологӣ бо иштироки археолог М. Е. Массон;

Марҳилаи 2-юм – солҳои 1932-1937-ум: корҳои асосӣ оид ба омӯзиши археологӣ бо неруи Осорхонаи кишваршиносии Тоҷикистон (Р.Уэлс, Т. Г. Оболдуева);

Марҳилаи 3-юм – солҳои 1938-1941-ум: ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ, ки аз ҷониби археолог В. А. Чейлитко мавриди тадқиқ қарор гирифтааст.

Марҳилаҳои мазкур вежагии шартӣ дошта, доираи равшани хронологӣ надоранд. Аммо хронологияи пешниҳодшудаи омӯзиши археологӣ, ки солҳои 1929-1941-ум анҷом ёфтаанд, замон ва ҳудуди корҳои тадқиқиро нишон медиҳад. Ҳаҷми кофтуковҳо нисбатан кам буд, вале бисёр ёдгориҳои археологии навоҳии шимолии Тоҷикистон ба усули илмӣ дохил гардиданд.

Боби дувуми диссертатсия **– «Таҳқиқоти дастаҳои Экспедитсияи бостоншиносии тоҷик дар Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1946-1973-юм»** низ аз се фасл таркиб ёфтааст**.** Дар фасли аввали он – **«Оғози омӯзиши муназзами ёдгориҳои бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ»** натиҷаҳои

---

[1] Чейлытко В. Р. Сырцовый минарет в Захматабаде // Сталинская молодёжь. – 1946. – 30-го июля.

[2] Якубовский А. Ю. Итоги работ СТАЭ в 1946-1947 гг. // МИА СССР. – №15. – М.-Л., 1950. – С. 16; Ставиский Б.Я. Из истории археологического изучения Пенджикента и его окрестностей // Изв. ООН АН Тадж.ССР. – Душанбе, 1960. – №1. – С. 137.

[3] Якубов Ю. Я. Паргар в VII-VIII вв.н.э. (Верхний Зеравшан в эпоху раннего средневековья). – Душанбе, 1979. – 218 с.

[4] Ниг.: Искусство Востока. Доисламская Средняя Азия // www.hermitagemuseum.org/wps/portal/hermitage/explore/collections/master/sub; Музей Востока – //http://see-art.ru/?item=bc79ec49-ff11-43f2-a95e-cf7db2a63b52&termin=ea25153b-2e70-49a6-9aa1-20a863e19063

ковишҳои археологии аз рӯйи андоза хурд, вале аз рӯйи маъно муҳимми давраи ҷанг (солҳои 1943-1944-ум Экспедитсияи Фарҳод бо роҳбарии В. Ф. Гайдукевич) ва омӯзиши шарҳи истеҳсолии таълим (дар соли 1946-ум) тадқиқ шуда, ибтидои вусъат додани тадқиқи таҷрибаи саҳроии ЭАСТ бо роҳбарии А. Ю. Якубовский маҳсуб меёбанд. Тадқиқотро оид ба омӯзиши ёдгориҳои Тоҷикистони Шимолӣ якумин шуда дастаи Истаравшан (солҳои 1949-1950-ум бо роҳбарии О. И. Смирнова) оғоз карданд. Дастаи Истаравшан ду мавсими саҳроӣ (солҳои 1949-1950-ум) фаъолият карда, дар мавзеъҳои Шаҳристон, Ӯротеппа, Ғончӣ, Спитамен аввалин корҳои ҷустуҷӯӣ ва баҳисобгириро амалӣ намуд ва ба омӯзиши димнаи Муғтеппа, Ширин, Қалъаи Қаҳқаҳа ва дигар ёдгориҳои вилояти Суғди ҳозира замина гузошт[1].

Дар солҳои 50-уми асри XX корҳои бузурги ковиш ва ҳафриёт оғоз ёфт, ки таҳлил ва хронологияи он дар фасли дуюми боби 2-юм — «**Ҳафриётҳои ЭАТ дар Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1951-1960-ум**» оварда шудааст. Ба муносибати сохтмони зеристгоҳи барқии оби Қайроққум зарурате ба миён омад, ки дар муддати кӯтоҳ омӯзиши комплексии минтақаи обхезӣ ба миён гузошта шавад. Воқеаи муҳимме, ки ба омӯзиши археологии Тоҷикистони Шимолӣ неруи тоза бахшид, ташкили Академияи фанҳо дар ҷумҳурӣ буд. Соли 1951-ум Филиали тоҷикистонии Академияи фанҳои Иттиҳоди Шуравӣ (СССР) ба Академияи фанҳои ҶШС Тоҷикистон (15-уми апрели 1951-ум) табдил ёфт. Дар назди он 2 институт ташкил гардид: Институти забон ва адабиёт, Институти таърих, археология ва этнография, ки олими машҳури шуравӣ ва ташкилотчии боистеъдоди илм А. В. Семёнов ба он роҳбар таъйин гардид. Дар Институти таърих, археология ва этнография сектори археология ташкил ёфт, ки он ба маркази тадқиқоти археологии Тоҷикистон табдил гардид. Роҳбари Сектори археология муҳаққиқи ҷавон Борис Анатолевич Литвинский аз шаҳри Тошкент даъват шуда ва баъдтар мавсуф академики Академияи фанҳои ҶШС Тоҷикистон интихоб гардид.

Институти навтаъсиси таърих, археология ва этнография дар наздаш вазифа гузошт, ки харитаи археологии Тоҷикистон ташкил намояд. Гурӯҳҳои археологӣ ёдгориҳои асри санг (А. П. Окладников, В. А. Ранов), қабристонҳои Қаромазор ва Қурама (Б. А. Литвинский, Е. Д. Салтовская, Э. Ғуломов), теппаву пуштаҳо, қасру кӯшкҳо ва қарияи водии Исфара (Е. А. Давидович, Б. А. Литвинский), ёдгориҳои таърихӣ-фарҳангии Хуҷанд, Конибодом ва Истаравшанро (Н. Н. Неъматов, У. П. Пӯлодов, В. А. Ранов, Е. Д. Салтовская, Т. И. Зеймалва диг.) мавриди тадқиқу пажӯҳиш қарор додаанд.

Ҳамин тавр, дар ибтидои солҳои 70-уми садаи XX корҳои зиёде анҷом ёфта, дар баробари омӯзиш ва муайян намудани ёдгориҳои нав масъалаҳои зерин ба миён омаданд, ки ҳалли худро тақозо мекарданд. Тоҷикистони Шимолӣ дар масоҳати азим бо ёдгориҳои гуногуни археологӣ ба таври ҷиддӣ равишҳои навро ба омӯзиш ва ташкили дигари корҳои тадқиқӣ талаб мекард.

[1] Смирнова О. И. Археологические разведки в Усрушане в 1950 г. // Тр. ТАЭ. – Т. 2. – МИА СССР № 37. – М.-Л., 1958. – С. 189-230.

Натиҷаҳои тадқиқи археологии Тоҷикистони Шимолӣ хеле муассир буданд: археологҳо аз қайдҳои одӣ ва кофтуковҳои хурди ҷустуҷӯии солҳои 50-ум ба кофтукови пурраи ёдгориҳо, аз тадқиқи хурди стратиграфӣ ба кофтукови калон ва майдонҳои васеъ гузаштанд, ки натиҷаҳои онҳо дар фасли севум **«Таҳқиқи археологии Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1961-1973-юм»** инъикос гардидаанд.

Кофтуковҳои калони статсионарӣ дар ёдгориҳои алоҳида аз фактҳои муайяни одӣ, омӯхтани бозёфтҳои алоҳида ва муайян кардани таърихи ёдгориҳо ба омӯхтани ҳаматарафаи объектҳои конкретӣ, таҳлили амиқи тамоми ҷиҳатҳои маданияти моддӣ, хусусиятҳои меъморӣ ва, умуман, дарки динамикаи фарҳанг ва шаклҳои рушди таърихии на танҳо ёдгориҳои мушаххаси археологӣ, балки тамоми минтақа оварда расонд. Дар натиҷаи чунин рафтору муносибат монографияҳо оид ба ёдгориҳои таърихии Тоҷикистони Шимолӣ бо номи «Шаҳристони асримиёнагӣ» (Н. Н. Неъматов, С. Г. Хмелнитский),[1] «Ӯртақӯрғон ваТирмизактепа» (Н. Н. Неъматов, Ӯ. П. Пулодов, С. Хмелнитский),[2] «Чилхучра» (Ӯ. Пулодов)[3] ба нашр расиданд.

Корҳои интенсивӣ ва калонҳаҷми гурӯҳи Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1950-1970-уми асри XX барои барои гузаронидани ҳафриёт ва омӯзиши ёдгориҳои минтақаҳои таърихии Тоҷикистони Шимолӣ – Фарғонаи Ғарбӣ, Илоқ, Хуҷанд ва Истаравшан дар ҳудуди вилояти Суғди ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият дод.

Ба харитаи ёдгориҳои таърихии Тоҷикистон омӯзиши ёдгориҳо – мавзеъ ва ҷамоати фарҳанги Қайроққум (Окладников, Литвинский, Ранов), теппа ва муғхонаҳои Фарғонаи Ғарбӣ (Литвинский, Ранов, Салтовская), димнаи Тӯдаи Калон, Тӯдаи Хурд, Қалъаи Афросиёб (Салтовская), категорияи гуногуни ёдгориҳои Истаравшан – Қалъаи Каҳқаҳа, Муғтеппа, Хонлайлов, Чилҳуҷра, Чилдухтарон, Оқтеппа, Тирмизактеппа, Чоршохатеппа, Тоштемиртеппа (Н. Н. Неъматов, У. П. Пӯлодов, С. Ш. Марофиев, А. К. Мирбобоев, Н. А. Москаленко ва ғ.) дохил шудааст.

Боби севум **«ЭКАТШ ва омӯзиши ёдгориҳои археологии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1974-1989-ум)»** унвон дошта, давраи оянаи таърихи археологии Тоҷикистони Шимолиро дар бар мегирад ва бо фасли **«Таъсиси ЭКАТШ ва самтҳои асосии тадқиқот дар Тоҷикистони Шимолӣ»** оғоз меёбад. Омили муайянкунандаи тадқиқоти солҳои 70-ум ташкили Экспедитсияи комплексии археологии Тоҷикистони Шимолӣ (ЭКАТШ) таҳти роҳбарии Н. Н. Неъматов ба ҳисоб меравад. Ташкил шудани экспедитсияи махсус имкон дод, ки шумораи гурӯҳҳо зиёд, доираи географии омӯзиши археологӣ васеъ гардид. Тадқиқ устувор шуд. Масъалаи пешбари ин давра давом додани тадқиқоти оғозёфта, аз қабили Хуҷанд, Қалъаи Қаҳқаҳа, Хонлайлов, Тӯдаи Калон, Тӯдаи Хурд, Муғтеппа ва монанди инҳо мебошад.

[1] Негматов Н. Н., Хмельницкий С. Г. Средневековый Шахристан (Материальная культура Уструшаны, вып.1). – Душанбе, 1966. – 199 с. + иллюстр.

[2] Негматов Н. Н., Пулатов У. П., Хмельницкий С. Г. Уртакурган и Тимизактепа (Материальная культура Уструшаны, вып. 2). – Душанбе, 1973.

[3] Пулатов У. П. Чильхуджра (Материальная культура Уструшаны, вып. 3). – Душанбе, 1975.

Баробари ин ёдгориҳои нав — Дӯнгчатеппа, Ширин, Куркат, Тиркаштеппа кашф гардиданд. Корҳо дар панҷ самти асосӣ амалӣ шуданд: омӯзиши асри санг, биринҷӣ, оҳани ибтидоӣ, антиқа ва асримиёнагӣ ба роҳ монда шуданд. Методикаи кори истеҳсолӣ ба зинаи нав баромад. Ёдгориҳои фарҳанги кишоварзӣ – қарияву шаҳрҳо бо ёрии қабат ба қабат кашфи майдонҳои васеъ омӯхта шуданд. Дар доираи фаъолияти ЭКАТШ бисёре аз археологони ҷавон ба кори мустақилона шуруъ карданд, ки баъдан олимони машҳур гаштанд (А. Қ. Мирбобоев, Р. Авзалов, П. Т. Самойлик, А. Билолов, Т. В. Беляева, В. А. Жуков, В. К. Ҷумаев ва ғ.).

**3.2. Тадқиқоти саҳроӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ дар нимаи якуми солҳои 80-ум.** Ибтидои солҳои 80-уми асри XX омӯзиши археология бо муваффақиятҳои нав дар ҳамаи ҳудудҳои Тоҷикистони Шимолӣ шуҳрат ёфт. Умуман, объекти омӯзиш ба мисли пештара боқӣ монд: Қалъаи Хуҷанд, димнаи Ширин, Қалъаи Қаҳқаҳа, Қӯрғонча ва Сойи Гургхона, қарияҳои Дӯнгчатеппа, Қалъаи Сар ва Хонлайлов, қабристонҳои Ҷуғзхона, Лангар Ҳоҷиён, Қурғонтош. Аммо дар баробари онҳо объектҳои нав пайдо шуданд: Муғтеппаи Истаравшан, Нуртеппа, Капатеппа. Дар канори шимолу ғарбии димнаи Муғтеппа ҳафриёт дар маркази бузурги фарҳангӣ – масҷид оғоз гардид. Дар ҳайъати дастаи Хуҷанд як гурӯҳ оид ба омӯзиши петроглифҳо (нақшҳои қадимии рӯи санг) фаъолият дошт. Корманди ЭКАТШ О. В. Панфилов тадқиқии нақшҳои рӯйи санги Тоҷикистони Шимолиро давом дод. Нуқтаҳои петроглиф дар дараҳои Туябӯғузсой, Чорухдайронсой, Чашмасой, Аждаҳорсой, Бодомбедсой, Қуруқсой, Қизбивисой ва Бешқӯтансой сабт шудаанд. Умуман, зиёда аз 1000 нақши қадимии рӯйи санг ёфт шуданд.

